

Барномаи Иттиҳоди Аврупо «Ҷомеаи шаҳрвандӣ дар рушд»

# ГУЗОРИШИ МУХТАСАР

# ОИД БА МОНИТОРИНГИ ПЕШРАФТ ДАР АМАЛИСОЗИИ ҲРУ-4: “ТАЪМИНИ ТАЪЛИМОТИ БОСИФАТИ ФАРОГИРУ ОДИЛОНА ВА ТАРҒИБИ ИМКОНИЯТҲОИ ТАҲСИЛ ДАР ТӮЛИ ТАМОМИ ҲАЁТ” ДАР ТОҶИКИСТОН

## (дар соҳаи системаи таҳсилоти калонсолон)

Душанбе – 2021

МАБЛАҒГУЗОР - ИТТИҲОДИ АВРУПО

# ГУЗОРИШИ МУХТАСАР

# ОИД БА МОНИТОРИНГИ

# ПЕШРАФТ ДАР АМАЛИСОЗИИ ҲРУ-4: “ТАЪМИНИ ТАЪЛИМОТИ БОСИФАТИ ФАРОГИРУ ОДИЛОНА ВА ТАРҒИБИ ИМКОНИЯТҲОИ ТАҲСИЛ ДАР ТӮЛИ ТАМОМИ ҲАЁТ” ДАР ТОҶИКИСТОН

## (дар соҳаи системаи таҳсилоти калонсолон)

**Таҳиягари гузориш: Фарида Муминова,**

**Ходими калони илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи**

**Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

**Душанбе – 2021**

## Муқаддима

Ҳисоботи мазкур дар доираи амалисозии лоиҳаи "Пешбурди тағйироти иҷтимоӣ ва омӯзиши касбии фарогир дар Тоҷикистон", ки аз ҷониби ташкилотҳои ҷамъиятии маҳаллии "Ассотсиатсияи таҳсилоти калонсолони Тоҷикистон" ва Созмони занони маъюб “Иштирок" дар ҳамкорӣ бо Намояндагии Институти ҳамкориҳои байналмилалии Ассотсиатсияи Донишгоҳҳои Халқии Олмон (DVV International) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии молиявии Иттиҳоди Аврупо ва Вазорати федералӣ Олмон оид ба ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушд таҳия карда шудааст. Лоиҳаи мазкур мусоидат ба рушди иҷтимоӣ, татбиқи ҳуқуқи ҷавонони дорои маълулият (ҶДМ) ба таҳсил ва касби шоиста, таблиғ ва рушди таҳсилоти фарогир дар Тоҷикистонро дар бар мегирад.

Мақсад аз таҳияи ин ҳисобот - муаррифии умумии натиҷаҳои мониторинги мухтори доиршудаи пешрафт дар татбиқи Ҳадафи 4-уми Рушди Устувор (ҲРУ-4) - "Таъмини таҳсилоти фарогиру одилона ва мусоидат ба имконияти таҳсилоти ҳамагонӣ дар тӯли ҳаёт" бо таваҷҷӯҳи махсус ба таҳсилоти калонсолон дар се шаҳру ноҳияҳои ҳадафии лоиҳа: ш. Душанбе, ш. Панҷакент ва ноҳияи Рашт мебошад. Дар тадқиқот ба таҷрибаву маводҳои ду ташкилоти ҷамъиятӣ - "Ассотсиатсияи таҳсилоти калонсолони Тоҷикистон" ва Созмони занони маъюб “Иштирок" такя карда шудааст.

Барои ноил шудан ба ҳадаф вазифаҳои зерин гузошта ва ҳал карда шуданд:

- Омодасозии баррасии барномаҳои минтақавии рушд ва сиёсатҳо дар боби татбиқи нишондиҳандаҳои ҲРУ 4 дар се минтақаи лоиҳа;
- Арзёбии заминаи оморӣ дар сатҳи минтақавӣ ва миллӣ (дар заминаи се минтақа);
- Гузаронидани машваратҳо бо мутахассисон дар минтақаҳо бахшида ба татбиқи нишондиҳандаҳои ҲРУ 4;

- Ҷамъоварии маълумот дар асоси методология ва нақша;
- Таҳлили маълумот ва синтези онҳо дар ҳисоботи ниҳоӣ.

Дар таҳияи ҳисоботи мазкур ба он кӯшиш карда шудааст, ки вазъи кунунӣ дар самти дастрасӣ ба ҲРУ 4-ро дар заминаи муҳити ба ҳам алоқаманд инъикос карда шавад, яъне вазъ дар сатҳҳои миллӣ ва минтақавӣ бо ҳам алоқаманд карда шаванд. Аз лиҳози маълумот, мавод дар асоси ҳисоботи расмии омории миллӣ, ҳуҷҷатҳои барномавӣ оид ба рушди системаи маориф ва натиҷаҳои муҳокимаҳо, ки дар минтақаҳои ҳадафӣ баргузор шудаанд, асос ёфтааст. Маълумоти оморӣ аз соли 2015- соли оғози муайянкунии афзалиятҳо дар татбиқи ҲРУ, 4 таҳлил карда мешавад.

Як арзёбии таҳлилии пешрафт дар татбиқи ҲРУ 4 дар шакли корҳои зерин доир карда шуд:

- Омӯзиши маводҳои мавҷуда (“таҳқиқот дар паси мизи корӣ”) дар сатҳи кишвар ва минтақаҳои он: таҳлили ҳуҷҷатҳои барномавӣ, коркарди ҳисоботи омории кушод ва ҳисоботҳо / таҳқиқоти миллӣ оид ба рушди системаи маориф);
- Таҳлили натиҷаҳои мубоҳисаҳо дар гурӯҳҳои ҳадафӣ (дар сатҳи ноҳияҳои ҳадафӣ- Душанбе, Панҷакент ва ноҳияи Рашт), ки дар заминаи фаъолиятҳои лоиҳавии Ассотсиатсияи таҳсилоти калонсолони Тоҷикистон доир карда шуда буданд (Дар доираи амалисозии лоиҳаи «Баланд бардоштани сатҳи маърифати аҳолӣ оид ба Ҳадафи 4-уми ҲРУ то соли 2030 ва Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон, то соли 2030», ки аз ҷониби Ассотсиатсияи таҳсилоти ибтидоӣ ва таълими калонсолони минтақаҳои Осиё ва Уқёнуси Ором (ASPБAE) дар соли 2018 дастгирӣ шудааст).

Истифодаи воситаҳои тадқиқотӣ бо тартиби зерини мантиқӣ ва ба ҳам алоқаманд сурат гирифтааст:

- Инъикоси шароит ва заминаҳо барои мониторинги татбиқи ҲРУ-4 дар маҷмӯъ-дар сатҳи кишвар- ҳамчун

вектори умумимиллии самти амал, ки ба сатҳи минтақавӣ таъсир мерасонанд;

- Муайян кардани кифоягӣ ва дастрасӣ ба заминаи иттилоотӣ барои доир намудани арзёбиҳои мониторингӣ оид ба пешрафт дар татбиқи ҲРУ 4 - ҳамчун замина барои таҳлил;
- Арзёбии миқёс ва сохтори маблағгузорӣ барои рушди системаи маориф, ки ба татбиқи ҲРУ-4 мусоидат мекунанд ва ба пешрафт дар ин самт таъсир мерасонанд;
- Таҳлили пешрафт дар татбиқи вазифаҳои ҲРУ-4 дар сатҳи кишвар ва минтақаҳо, ки талабот ба таҳсилоти калонсолонро инъикос мекунад;
- Инъикоси раванди тақфриқаи ҲРУ-4 дар сатҳи минтақаҳо, дар заминаи шаҳрҳо ва ноҳияҳои ҳадафӣ (Душанбе, Панҷакент ва ноҳияи Рашт.

Чунин ба назар мерасад, ки ин гузориш маводест, ки бояд бештар ҳамчун "чаҳорчӯби" мониторинги ҷамъиятии рушди системаи маориф дар доираи татбиқи ҲРУ 4 ҷой гирад, ки бояд бо мурури тағйири вазъ ва пайдо шудани маълумоти нав дар арзёбиҳои ҷорӣ ва бо мурури тағйирот дар афзалиятҳои миллӣ ва маҳаллӣ доимо таҷдид карда шавад.

*Дар сатҳи миллӣ,* стратегияи дарозмуддати бахши маориф ба афзалиятҳои рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфтааст, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 инъикос ёфтааст (СМР 2030) ва ба мақсаду вазифаҳои Ҳадафҳои Рушди Устувор (ҲРУ) мувофиқат мекунад. Ҳамзамон, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (СМРМ 2030) ҳуҷҷати асосии сиёсат дар соҳаи маориф ба шумор меравад.

Дар айни замон, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди корҳо оид ба мушаххас кардани ҳадафҳо ва вазифаҳои ҲРУ, бо назардошти системаи миллии нишондиҳандаҳои рушди устувор идома дорад ва раванди ба барномаҳои миллӣ,

соҳавӣ ва минтақавӣ ҳатман шомил намудани ҲРУ оғоз ёфтааст.

Яъне, заминаҳои мониторингии арзёбиҳо оид ба татбиқи ҲРУ 4 "Таъмини таҳсилоти фарогир ва одилонаи босифат ва мусоидат ба имкониятҳои таҳсилоти ҳамешагӣ" асосан дар марҳилаи ташаккул мебошанд.

Мувофиқан, ченкунии пешрафт дар самти ҲРУ 4 то ҳол бо камбудиҳои иттилоотӣ/ оморӣ рӯ ба рӯ мешавад (тавлид ва пайгирии маълумоти зарурӣ, дақиқ ва раддабандишуда дорои аҳамияти ҳалкунанда аст). Гузашта аз ин, принсипи барномаи то соли 2030 “ҳеҷ кас бояд аз мадди назар берун намонад” истифодаи маълумотеро талаб мекунад, ки бояд мутобиқи меъёрҳои осебпазирӣ раддабандӣ карда шаванд.

Интизор меравад, ки раванди ташаккули системаи миллии нишондиҳандаҳои рушди устувор дар давоми соли 2021 ба итмом мерасад, ки ин барои ба системаи мониторинг ва банақшагирии миллӣ дохил кардани онҳо имкон медиҳад.

*Дар сатҳи минтақавӣ,* самти рушди бахши маориф ҳам дар заминаи татбиқи афзалиятҳои миллӣ ва ҳам ниёзҳои рушди маҳаллӣ муайян ва арзёбӣ карда мешавад. Ҳамгироии тадриҷии ҲРУ-4 ба барномаҳои миёнамӯҳлати рушди шаҳрҳо ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар назар аст.

## 1. Татбиқи Ҳадафҳои Рушди Устувор дар соҳаи маориф.

Вазифаҳо оид ба татбиқи Ҳадафҳои Рушди Устувор дар соҳаи маориф ба чорабиниҳои барномавии кишвар ворид карда шуда, раванди таҳлили дастовардҳо ва пешрафтҳо асосан дар сатҳи миллӣ ташкил карда шудааст.

| *Марҳилаҳои асосӣ ва хусусиятҳои онҳо* | |
|---|---|
| Соли 2015 | Тоҷикистон барои иҷрои рӯзномаи ҷаҳонӣ дар соҳаи рушди устувор барои давраи то соли 2030 ӯҳдадориҳоро қабул кард. |

| | |
|---|---|
| Соли 2016 | Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Барномаи миёнамӯҳлати рушд барои солҳои 2016-2020 таҳия ва қабул карда шуданд, ки ба онҳо самтҳои асосии татбиқи ҲРУ, аз ҷумла ҲРУ-4 ворид карда шуданд. |
| | Барои мониторинги татбиқи ҲРУ дастурамал ("Харитаи роҳ") таҳия карда шуд, ки 37 зербандро дар бар мегирад. |
| Соли 2017 | Тоҷикистон ташаббускори таҳияи Гузориши Ихтиёриии Миллӣ гашт, ки дар Форуми сиёсии сатҳи баланд (ФССБ) дар қароргоҳи СММ муаррифӣ карда шуд. |
| | Ҳайати MAPS солҳои 2016-2017 дар доираи арзёбии фаврии ҳамаҷонибаи мутобиқати ҲРУ-4 - "Таъмини таҳсилоти босифати фарогиру одилона ва мусоидат ба имкониятҳои таҳсилоти муттасил" бо стратегия ва барномаҳои рушди кишвар ба Тоҷикистон баҳои “сатҳи баланди (100%) мувофиқат”-ро дод. |
| | Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайати як гурӯҳи байналмилалӣ дохил карда шуд, ки онро Кумитаи омори СММ бо мақсади таҳия ва татбиқи нишондиҳандаҳои ҷаҳонии ҲРУ ташкил намудааст. |
| Соли 2018 | Ҳисоботи миллӣ оид ба татбиқи ҳуҷҷатҳои стратегии кишвар дар заминаи Ҳадафҳои Рушди Устувор, аз ҷумла ҲРУ-4 таҳия ва пешниҳод карда шуд, ки дар он нуктаҳои ҳалли мушкилоти нобаробарии гендерӣ дар байни мардон ва занон дар таҳсилоти ибтидоии касбӣ, сатҳи пасти маълумот дар байни иштирокчиёни бозори меҳнат, инчунин дигар мушкилоти ба соҳаи маориф хос махсус қайд карда шуданд. |
| Соли 2019 | Дар тамоми минтақаҳои кишвар оид ба пешрафти татбиқи ҳуҷҷатҳои барномавии стратегӣ, аз ҷумла |

| | |
|---|---|
| | дар соҳаи рушди маориф мубоҳисаҳои васеъ доир карда шуданд. |
| | Гузориш оид ба мониторинги иҷрои Барномаи миёнамӯҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, аз ҷумла оид ба рушди системаи маориф дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ омода карда шуд. *Арзёбиҳо нишон доданд, ки мушкилоти зерин боқӣ мондааст: фарогирии бояду шояди таҳсилоти томактабӣ ва касбӣ, дастгирии таъсису рушди муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ, таҳияи системаи мониторинги сифати таълим, ҳамоҳангсозии байниидоравии амалиёт.* |
| Соли 2020 | Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қабул карда шуд, ки бо Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва ҲРУ комилан мувофиқ аст. |
| | Лоиҳаи Барномаи миёнамӯҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 таҳия шуд, ки дар он ба механизмҳои пешбарӣ дар доираи татбиқи ҲРУ-4, аз ҷумла дар сатҳҳои алоҳида диққати хос дода шудааст. *Интизор меравад, ки дар давоми соли 2021 барои вазифаҳои ҲРУ-4 дар сатҳи минтақавӣ нишондиҳандаҳои ҳадафӣ муайян карда мешаванд. Ҳадафҳои Рушди Устувор, аз ҷумла ҲРУ-4 дар сатҳи минтақавӣ тавассути инҳо таъмин карда мешаванд:*<br>• *тавсеаи иқтидори омори минтақавӣ, ворид намудани воситаҳои оморӣ ва заминаи иттилоотӣ барои мониторинги пешрафт дар самти рушди ҲРУ дар сатҳи минтақавӣ;*<br>• *воридкунии нишондиҳандаҳои сифатии дастрасӣ ва фарогирии аҳолӣ бо хадамоти муассисаҳои рушди иҷтимоӣ ба* |

| | |
|---|---|
| | *барномаҳои рушди шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ;*<br>• *таҳияи гузоришҳои минтақавӣ оид ба пешрафт дар самти ноил шудан ба нишондиҳандаҳои алоҳидаи ҲРУ.* |
| | *Оғози воридкунии консепсияи ҲРУ, аз ҷумла нишондиҳандаҳои ҲРУ-4, ба барномаҳои рушди минтақавӣ* (алъон танҳо дар он минтақаҳое, ки барномаҳои қаблан қабулшуда ба итмом расидаанд ва онҳо тибқи методологияи қаблан роиҷ таҳия шуда буданду дар онҳо ба инъикоси ҲРУ дар сатҳи маҳаллӣ эътибор дода нашуда набуд), аз ҷумла Рашт ва Панҷакент. |
| Солҳои 2021-2022 | *Таҳия омӯзиши методологияи таҳқиқоти омории вазъи таҳсилоти муттасили аҳолӣ.*<br><br>Ҷудокунӣ: ҷинс, гурӯҳҳои синну сол, шаклҳои таълимӣ (расмӣ, ғайриасосӣ, ғайрирасмӣ) ва ғайра. мавҷудияти иттилоот дар бораи иштироки аҳолӣ дар таҳсили якумрӣ дар бахши нишондиҳандаҳо, таҳлили оморӣ оид ба вазъи расидан ба ҳадафҳои рушди таълими касбӣ ва таълим, ки дар «харитаи роҳ» -и стратегӣ муқаррар карда шудаанд. |

Заминаҳо ва шароитҳои ташаккулёфтаистода барои мониторинги татбиқи ҲРУ-4 дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ имкон медиҳанд, ки дар ояндаи наздик (аз соли 2021 сар карда) амалияи мувофиқ ва устувор таъсис дода шавад. Ҳамзамон, айни ҳол диққати асосӣ ба таъмини пешравӣ дар бахши маълумот/ омори соҳаи маориф, баланд бардоштани сифати маълумот, таҳкими иқтидорҳо барои чен кардани баробарӣ ва сифат дар таҳсилот равона карда шудааст.

Бо дарназардошти алоқамандӣ ва мураккабии вазифаҳои ҲРУ-4, саволҳо ва худи масъалаи таълими калонсолон ҳангоми таҳлили пешрафт дар ҳама сатҳҳои таҳсилот (на танҳо дар сатҳи касбӣ, балки инчунин дар таҳсилоти

томактабӣ ва мактабӣ) бояд ҳаматарафа бошад ва ин имкон медиҳад, ки маҷмӯи шароитҳо ва механизмҳои мустақим ва ғайримустақим, ки ба имконот ва ниёзҳои системаи таҳсилоти калонсолон таъсиррасонанд, бо ҳам алоқаманд карда шаванд.

## 2. Дастрасӣ ба маълумот.

Умуман, дар Тоҷикистон дастрасӣ ба маълумот нисбатан хуб аст, аммо таҷдид ва дастрасӣ ба маълумот оид ба баъзе нишондиҳандаҳо, инчунин тақсимоти онҳо аз рӯи категорияҳо ҳанӯз ҳам мушкилот доранд. Дар байни ҳамаи 17 адад ҲРУ Ҳадафи 4 «Таъмини таҳсилоти баробар ва босифати ҳамагон ва мусоидат ба имкониятҳои таҳсилот дар тӯли ҳаёт» иқтидори аз ҳама пасти омори ҷорӣ барои мониторингро доро мебошад. Интизор меравад, ки дар давоми солҳои 2021-2022 барои ҳалли ин мушкил фаъолиятҳои муассир ба роҳ монда мешаванд.

Аз 17 нишондиҳандаи таҳлилии мониторинги татбиқи ҲРУ-4 дар кишвар, айни замон танҳо дар бораи 10 нишондиҳанда маълумот нашр карда мешавад, ки то андозае имконияти комилан баҳо додани пешрафтро маҳдуд мекунад

Дар баробари ин, пойгоҳи иттилоот оид ба таҳсилоти калонсолон (аз 30 боло) ва таҳсилоти давомдор/ муттасил хеле маҳдуд аст.

Дар сатҳи вилоятӣ, мушкилоти иттилоотӣ барои арзёбиҳои мониторингӣ аз ҳама зиёдтар аст: аз 17 нишондиҳанда, танҳо барои на бештар аз 3 нишондиҳанда маълумот дастрас асту тамом. Он ҳам бошад, аксаран оид ба миқёси таҳсилоти (миёнаи умумии) мактабӣ аст. Мувофиқан, баҳодиҳии мониторингӣ оид ба таҳсилоти касбӣ ва ҷанбаҳои гуногуни таҳсилоти калонсолон дар сатҳи шаҳрҳо ва минтақаҳои кишвар хеле маҳдуд ва баҳодиҳии тамоми соҳаҳои таҳсилоти калонсолон амалан ғайриимкон аст.

Дар айни замон, кӯшишҳо бояд ба таҳияи системаи омори дар миқёси сатҳҳои таълим, фарогирии таҳсилот ва инчунин таълими калонсолон равона карда шаванд.

## 3. Таъминот/ дастгирии молиявии рушди системаи маориф.

Маблағгузории чорабиниҳои марбут ба татбиқи ҲРУ-4 ҳам аз ҳисоби маблағҳои буҷавӣ ва ҳам ғайрибуҷавӣ ба роҳ монда шудааст. Давоми давраи солҳои 2015 - 2019 ҳаҷми маблағгузории соҳа аз 5,2 то 5,6%-и ММД афзоиш ёфт. Зарурати таҷдиди соҳаи маориф, ки ба талаботи муосир ҷавобгӯ бошад, афзоиши хароҷотро ҳам дар маънои мутлақ ва ҳам дар маънои нисбӣ тақозо мекунад. Афзоиши маблағгузорӣ зарурати таъмини робитаҳои байни манбаъҳо/ ҷараёнҳои молиявӣ ва баҳодиҳии натиҷаҳоро тақвият медиҳад, зеро "нархи масъала", аз ҷумла дар доираи ташаккули мониторинги молиявии дастовардҳои ҲРУ-4 дар сатҳи кишвар қимат мешавад.

Маблағгузории буҷавӣ, дар маҷмӯъ, миқёс ва сохтори маблағгузории системаи маорифро муайян мекунад. Муассисаҳои гуногуни байналмилалии молиявӣ ва дигар донорҳо ба соҳаи маорифи ҷумҳурӣ маблағгузорӣ мекунанд ва ин боиси афзоиш ёфтани нақш ва ҳиссаи фондҳои ғайрибуҷавӣ дар татбиқи ҲРУ-4 мегарданд: дар панҷ соли охир, ҳаҷми миёнаи солонаи маблағгузориҳои донорҳо ба системаи маориф тақрибан 45 миллион доллари ИМА-ро ташкил медиҳад (мувофиқи бонки иттилоот оид ба кӯмаки беруна ба рушд), ки аксарияти онҳо дар сатҳҳои минтақавӣ ва маҳаллӣ амалӣ ва аз худ карда мешаванд.

Равандҳои демографӣ дар Тоҷикистон дар оянда ба системаи маориф таъсири назаррас расонида, дар назди он вазифаҳо ва мушкилотм нав ба нав эҷод мекунанд.

Бо назардошти афзоиши аҳолии қобили меҳнат, ниёз ба маблағгузории системаи таҳсилоти калонсолон меафзояд, ки ин омил афзоиши таҳрикро барои ҷалби манбаъҳои гуногуни маблағгузорӣ ба ин бахш тақозо мекунад.

Интизор меравад, ки талошҳо дар самти баланд бардоштани самаранокии маблағгузории соҳаи маориф дар давраи

миёнамӯҳлат афзоиш ёфта, фаъолиятҳоеро дар бар мегиранд, ки марбут ба алоқамандкунии миқёс ва сохтори маблағгузорӣ дар ҳама сатҳҳои таҳсилот бо натиҷаҳои бадастомада мебошанд.

## 4. Пешравӣ дар самти дастрасӣ ба ҳадафҳо ва вазифаҳои ҲРУ-4.

Динамикаи равандҳои ҷорӣ дар соҳаи маориф дар давраи 2016-2019-ро таҳлил намуда, қайд кардан мумкин аст, ки системаи маориф дар ҳоли рушд аст, аммо то ҳол бо суръати суст.

Дар муқоиса бо соли 2015 шумораи донишҷӯён аз ҳисоби кӯдакон ва ҷавонон афзоиш ёфт. Масалан, агар дар соли 2015 дар кишвар 4600 муассисаи таълимӣ фаъолият мекарда бошад, ки дар онҳо 2,15 миллион кӯдакон, хонандагон ва донишҷӯён таҳсил мекарданд, пас соли 2019 дар тамоми сатҳҳои системаи маориф аллакай 4700 муассисаи таълимӣ мавҷуд буд, ки дар онҳо 2,39 миллион нафар таълиму тарбия мегирифтанд. Дар ин давра ҳиссаи донишҷӯёни тамоми зинаҳои таҳсилот дар шумораи умумии аҳолӣ аз 25% то 26% афзоиш ёфт.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ҳама сатҳҳои таҳсилот аз лиҳози таъмини фарогирӣ (аз ҷумла гендерӣ) "мушкилот" бештар дар таҳсилоти томактабӣ ва касбӣ дида мешавад.

Таъмини хадамоти таҳсилоти томактабӣ меафзояд, аммо ин ҳоло ҳам аз сатҳи дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то 2030 (СМР-2030) пешбинишуда поён аст. Сатҳи фарогирии кӯдакони аз се то шашсола бо муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар соли 2019 аз 10,4 то 15,9% (бо марказҳои рушди кӯдакон)-ро ташкил дод, ки ин аз траекторияҳои афзоиши ҳадафӣ тақрибан ду маротиба камтар аст.

Кӯшишҳои минбаъда дар самти таъмини афзоиши фарогирӣ бо таҳсилоти томактабӣ бояд на танҳо фаъолтар бошанд, балки бояд дар самти афзоиши ҷойҳои кории истеҳсолӣ, хусусан дар деҳот, аз ҷумла барои занон, бо ҳам муттаҳид

карда шаванд. Яъне, бо рушди системаи таҳсилоти томактабӣ, эҳтимолан имкониятҳо барои амалӣ намудани имкониятҳои иштироки занон дар системаи таълими калонсолон ва дар бозори меҳнат фароҳам оварда мешаванд. Мутобиқан, фаъолияти муназзам дар таҳияи платформаҳои гуногуни таҳсилоти калонсолон бояд диққатро ба пешрафт дар фароҳам овардани шароит барои ҷалби бештар равона кунад, ки ба он (дар қатори дигар омилҳо) афзоиши фарогирӣ ба муассисаҳои томактабӣ низ таъсиррасон аст.

Дар давраи солҳои 2015 - 2019 пешрафт дар фарогирии мактабҳо асосан аз ҳисоби зиёд шудани шумораи фарогирӣ ба синфҳои ибтидоӣ ва синфҳои болои мактабҳои миёна вобастагӣ дорад.

Дар баробари ин, дар кори ба назар гирифтани эҳтиёҷот дар системаи таълими кӯтоҳмуддат барои калонсолон мушкилот ҳаст. Аз ҷумла онҳое ки (махсусан солҳои 90-ум) ба қадри зарурӣ бо системаи мактаб фаро гирифта нашудаанд. Ин табақа дар ҳама гуна маҳалли зист зиёданд (шаҳр, деҳот) ва фарқиятҳои минтақавии ин эҳтиёҷот, эҳтимолан бештар ба ихтисоси минтақаи мушаххас, талабот ба ихтисосҳои мушаххас- вобаста ба намуд ва хусусиятҳои рушди иқтисоди маҳал рабт доранд.

Сифати таълим ҳанӯз ба таври мунтазам таҳлилу баҳогузорӣ карда намешавад. Мутаносибан, бо назардошти афзоиши аҳолӣ, сарборӣ/ талабот ба таҳсилот меафзояд ва таҳсилоти касбӣ бояд бо суръати баландтар бо афзоиши назарраси диққат ба дастрасӣ ва сифат рушд кунад. Барои шаҳрҳо ва минтақаҳои кишвар ин маънои афзоиши зарурат ва қобилияти мутобиқати бештар ба шароити маҳаллии ихтисосҳои системаи таҳсилоти касбӣ ва афзоиши механизмҳои фасеҳи дастгирии таълимро дорад.

## 5. Маълумоти касбӣ.

Ҳарчанд фарогирии таҳсилоти касбӣ меафзояд, аммо онро ҳанӯз ҳам кофӣ гуфта намешавад. (аз ҷумла аз лиҳози

фарогирии баробари ҷинсҳо ва маъюбон). Танҳо тақрибан сеяки ҷавонон таҳсилро дар муассисаҳои таълимии касбӣ идома медиҳанд, мутаносибан ҳадди аққал 65% ҷавонписарони 18-19 сола бо таҳсилоти касбӣ фаро гирифта нашудаанд (на камтар аз 70%-и он духтарон мебошанд).

Дар солҳои минбаъда бояд ба масъалаи баланд бардоштани ҷаззобияти таҳсилоти касбӣ, аз ҷумла дар сатҳҳои ибтидоӣ, миёна ва олии техникӣ диққати бештар дода шавад. Ҳамзамон, таваҷҷӯҳ ба малака ва салоҳиятҳо, мутобиқати онҳо ба талаботи корфармоён бояд ба таври назаррас афзоиш ёбад. Таҳсилоти калонсолон бояд маҳз дар самти ихтисосҳои техникӣ ташаккул ёбад (аз ҷумла- ҳам ба сифати посух ба зарурати ворид намудани технологияҳои рақамӣ қариб ба тамоми соҳаҳои иқтисод, ҳам бо назардошти ниёзҳои иқтисодиёт, ки аз траекторияҳои рушди инноватсионӣ бармеоянд). Мувофиқан, тамоюл дар системаи таҳсилоти касбии калонсолон каме тағйир хоҳад ёфт - эҳтиёҷот на танҳо барои гирифтани ихтисос, балки барои бозомӯзӣ низ меафзояд. Имкониятҳои омӯзиш, таҳсилот ва таълими калонсолон низ метавонанд тадриҷан ба самти таҳсилоти фосилавӣ равона карда шаванд, ки ин омил талаботро ба маводи мувофиқи таълимӣ ва хатҳои робитаи нахӣ (барои тавсеаи дастрасӣ ба технологияҳои интернетӣ) зиёд мекунад.

Системаи таҳсилоти калонсолон дар сатҳи минтақавӣ бештар бо омезиши таҳсилоти касбӣ ва курсҳои кӯтоҳмуддат, ки талабот ба он меафзояд, алоқаманд хоҳад буд. Мувофиқан, барои арзёбиҳои минбаъдаи мониторингӣ ташаккули системаи таҳлили талабот ба мутахассисон дар бозорҳои меҳнатии минтақаҳо муҳим аст. Интизор меравад, ки дар доираи татбиқи БММР барои солҳои 2021-2025, дар кишвар системаи пешгӯии бозори меҳнат на танҳо дар сатҳи миллӣ, балки дар сатҳи минтақавӣ ташаккул хоҳад ёфт, ки он эҳтимолан, ба бештар асоснок кардани талабот ба хидматҳои таълимӣ, аз ҷумла нисбат ба таҳсилоти калонсолон мусоидат хоҳад кард.

## 6. Нобаробарӣ дар соҳаи маориф.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки баробарии гендерӣ дар ҳама зинаҳои таҳсилоти умумии миёна афзоиш ёфтааст, аммо дар синфҳои болоӣ ва системаи таҳсилоти касбӣ дар сатҳи нисбатан паст боқӣ мондааст, ки ин омил ба имконияти афзоиши ҷалби занон дар бозори меҳнат монеа эҷод мекунад.

Ҳамзамон, таҳлил нишон медиҳад, ки бузургии индекси баробарии ҷинсии хонандагон дар системаи таҳсилоти миёнаи умумӣ аз ҷои зист (шаҳр/ деҳа) вобаста нест, яъне. ин нишондиҳанда метавонад ҳам дар шаҳр ва ҳам дар деҳот паст бошад. Аз ин рӯ, корбарӣ дар самти фарогирии духтарон/ ҷавонзанон дар ҳама намудҳои маҳал, ки кӯдакон, наврасон ва ҷавонон зиндагӣ мекунанд, аҳамиятнок аст.

Талабот ба мониторинг ва гузоришдиҳӣ оид ба масъалаҳои нобаробарии гендерӣ дар системаи таҳсилоти касбӣ дар шароити минтақаҳои кишвар ба таври назаррас афзоиш хоҳад ёфт, ки ин ба хулосаҳои мушаххастари ҳалли ин масъалаҳо имкон фароҳам меорад. Барои беҳтар намудани мониторинги нобаробарии гендерӣ дар соҳаи маориф, бояд чораҳо оид ба ҷамъоварии маълумоти васеътар оид ба ҷиҳатҳои гендерии барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, баҳогузорӣ ва таълими муаллимон андешида шаванд.

Дар баробари ин, сатҳи иттилоот оид ба фарогирии маъюбон ба таҳсил хеле паст мебошад ва ин омил барои имкони баҳодиҳии фарогир будан ё набудани системаи таҳсилот монеъ мешавад. Баррасии вариантҳои арзёбии нобаробарӣ, аз ҷумла дар заминаи гурӯҳҳои кории байниидоравӣ, барои муттаҳид сохтани амалҳо, фароҳам овардани шароит барои таҳлили пайвастаи маълумоти тадқиқотӣ ва муттаҳид сохтани кӯшишҳо дар бораи манбаъҳои маълумот муфид хоҳад буд.

Таъмини баробарии дастрасӣ ба хидматҳои таҳсилоти калонсолон, аз ҷумла барои занон ва маъюбон, новобаста аз минтақаи истиқомат, бояд самти умумии ҳадафи системаи маорифро дар доираи татбиқи ҲРУ 4 идома диҳад, ки ин

таваҷҷӯҳи бештар ба иқтисодиёт ва дастрасии инфрасохтории хадамоти дахлдорро ба миён меорад.

## 7. Нобаробарии инфрасохтор дар системаи маориф.

Монеаҳо ва эҳтиёҷоти инфрасохторӣ дар таҳсилоти мактабӣ, аз ҷумла онҳое, ки бо обтаъминкунӣ ва беҳдошт/ санитария алоқаманданд (вокуниш ба аксуламалҳои мушкилоти нави эпидемиологӣ) хусусиятҳои минтақавӣ доранд ва мувофиқан, омӯзиши муфассали эҳтиёҷоти сармоягузории минтақаҳо дар доираи рушди таҳсилоти мактабӣ муҳим аст.

Дар давраи миёнамӯҳлати навбатӣ, мавзӯъҳои арзёбиҳои мониторингӣ бояд марбути инфрасохтори мактаб, истифодаи ТИК ва зӯроварии ҷисмонӣ бошад, чунки дар айни замон оид ба онҳо маълумот, таҳқиқот ва шабакаҳои вокуниш хеле нокифоя аст. Дар таҳсилоти калонсолон, ба барномаҳои таълимӣ дохил кардани курсҳои омӯзиши ТИК, устувории психологӣ, муошират ва кор дар даста муҳим аст.

## 8. Сатҳи кадрҳои муассисаҳои таълимӣ.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки раванди ҷавоншавии кадрҳо рӯ ба афзоиш буда, ҳиссаи муаллимони дорои маълумоти олии педагогӣ ҳам меафзояд. Ҳамзамон, талабот ба сатҳи таълимии омӯзгорон бо дарназардошти тамоюлҳо ва талаботҳои соли 2020 мутаносибан афзоиш хоҳад ёфт ва ин омил дар татбиқи ислоҳот дар системаи тайёрии кадрҳо, ташаккули системаи ҳавасмандгардонӣ барои кор дар системаи маориф яке аз омилҳои асосӣ мегардад.

Ҳамзамон, дар доираи системаи таълими калонсолон, бо назардошти шароитҳои зуд тағйирёбандаи иқтисодӣ ва технологияҳо, аҳамияти системаи такмили ихтисос шарти муҳими баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои таълимӣ, аз ҷумла дар соҳаи таҳсилоти калонсолон хоҳад шуд.

Интизор меравад, ки дар давраи миёнамӯҳлат таҷдиди низоми таълим ва бозомӯзии кадрҳо дар системаи маориф

ҳам дар сатҳи таълимоти умумӣ (мактабӣ) ва ҳам дар таҳсилоти касбӣ сурат мегирад. Имкониятҳои ҷалб ва нигоҳ доштани мутахассисони соҳибихтисос барои системаи таълими калонсолон аҳамияти бештар пайдо мекунад.

## 9. Маҳал(ли)гардонии ҲРУ-4

Интизор меравад, ки дар давоми соли 2021 барои маҳаллисозии ҲРУ равиши ягона таҳия карда мешавад, ки иштироки бисёр ҷонибҳои манфиатдорро дар бар мегирад, то ин ки барои татбиқи ҳадафҳои стратегии ҲРУ дар Тоҷикистон масъулияти ҳаматарафаро таъмин намояд. Барои дастгирии ин ташаббус институтсионализатсияи маҳаллигардонии ҲРУ, алалхусус навсозии методологияи банақшагирии рушди ноҳияҳо зарур аст.

Барномаҳои мавҷудаи рушди ноҳияҳои кишвар асосан ба методологияи банақшагирӣ бе назардошти ҲРУ ва инчунин бе истифодаи нишондиҳандаҳои ченшавандаи самарабахшӣ асос ёфтаанд, ки ин назорати пурраи пешрафтро имконнопазир месозад.

Ба назари мо, эҳтимолан, самаранокии раванди маҳаллигардонии ҲРУ-4, бештар аз муттаҳидсозӣ ва бисёрҷонибии кӯшишҳо (мақомоти иҷроияи маҳаллӣ, иттиҳодияҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ, шарикони рушд) вобастагӣ мегирад.

## 10. Самти умумии амалиёт.

Татбиқи ҲРУ 4 алоқамандӣ ва ҳамоҳангии амалҳоро дар ҳама сатҳҳои системаи маориф, шӯъбаҳо ва сохторҳои масъул/ваколатдор ва ҳамаи иштирокчиёни системаи қабули қарорҳоро пешбинӣ мекунад.

Тамаркузи ҳамаҷонибаи амалиёт, ки тамоми силсилаи ташаккул, татбиқ ва мониторинги пешрафти сиёсати маориф дар доираи татбиқи ҲРУ-ро фаро мегирад, муҳим аст. Ин маврид баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ ва ҷалб дар раванди

татбиқи ҲРУ шарти асосии таъмини ҳамоҳангии амалҳо мебошад.

Интизор меравад, ки амалҳо оид ба татбиқи ҲРУ-4 дар кишвар, дар шаҳру ноҳияҳо дар самтҳои зерин фаъолтар шаванд:

- Идомаи корҳо барои дастрасӣ ва фарогирии таҳсилот, аз ҷумла барои духтарон;
- Тавсеаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва ҷалби сармояи хусусӣ ба соҳаи маориф;
- Рақамисозии таҳсилот ва эҷоди мундариҷаи рақамии таълимӣ, паҳн намудани усулҳои таълими интерактивӣ ва фосилавӣ;
- Таҷдиди назар оид ба ҷалб ва тарбияи омӯзгорони оянда, такмили ихтисоси ҳайати омӯзгорони имрӯза, эътибори касби омӯзгорӣ;
- Ҷорӣ намудани консепсияи таълими якумрӣ, ки ба тарбияи кадрҳои баландихтисос ва ҳавасмандгардонии рушди навовариҳо имкон медиҳад.

## 11. Талабот ба таҳсилоти калонсолон.

Талабот ба арзёбиҳо оид ба рушди системаи таҳсилот дар тӯли ҳаёт, таҳсилоти калонсолон дар заминаи татбиқи ҲРУ 4 зиёд мешавад:

- Бо таҳкими заминаи оморӣ ва муайян кардани бузургиҳои ҳадафии нишондиҳандаҳо, имконияти гузаронидани арзёбиҳо дар сатҳи кишвар ва минтақаҳо васеътар мешавад, ки барои пайгирии пешрафт дар татбиқи ҲРУ 4- ҳам барои низоми қабули қарорҳо дар сатҳи кишвар ва соҳа, ҳам дар сатҳи васеътар бо ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ, заминаи зарурӣ фароҳам меорад.
- Афзоиши зарурати кам кардани сатҳи нобаробарӣ, рафъи камбудиҳои пешина ва ҳозира дар фарогирӣ ва сифати таҳсилот, аз ҷумла дар таҳсилоти касбӣ (ба афзоиши аҳамияти сармояи инсонӣ дар раванди рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ва минтақаҳо вобаста аст) талаботро барои муайян кардани "нархи масъала"- ҳам

нисбати вазъ ва ҳам нисбати дурнамои рушди системаи маориф зиёд мекунанд;

- Суръати баланди тағйирот дар иқтисодиёт ва технологияҳо дар траекторияҳои таълимӣ, донишҳо ва малакаҳо талаботҳои навро ба вуҷуд меоранд. Ин як гуна аксуламалест ба "зуд" кӯҳна шудани дониш ва малакаҳои мавҷуда/ бадастомада ё вокуниши "зуд" ба шароитҳои тағйирёбанда (масалан сабақи аз пандемияи COVID- 19 бадастомада). Ин ба миқёси пешрафт дар татбиқи ҲРУ 4 таъсир мерасонад ва зарурати тадбирҳои пешгириро, ки ба маводҳои "пухта"-и таҳдидӣ такйя мекунанд, зиёд мекунад.

Дар заминаи афзоиши интизориҳо нисбат ба натиҷа "сатҳи"-и талабот ба низоми ташкили таълими калонсолон, мундариҷа ва технологияҳои таълим, заминаи методӣ ва кадрӣ афзоиш хоҳад ёфт. Ба кор андохтани механизми рушди барномавии шаҳру ноҳияҳо метавонад яке аз механизмҳои афзоиши бомароми иқтидори системаи таълими калонсолон (тавассути дастгирии рушди системаҳои банақшагирии соҳаи таҳсилоти муттасил, ташаккули шабакаи интерактивии арзёбии пешрафт, қайди «сабақҳои бадастомада", мубодилаи таҷриба оид ба пешбурди системаи таълими калонсолон гардад, ки эҳтиёҷотро дар сатҳи шаҳру ноҳияҳо дар бар мегирад.

## 12. Самтҳои эҳтимолии фаъолтар кардани амалҳо оид ба маҳаллигардонии ҲРУ-4, азҷумла дар минтақаҳои ҳадафӣ (Душанбе, Панҷакент ва Рашт)

Эҳтимолан, самаранокии раванди маҳаллисозии ҲРУ-4, ба андешаи мо, бештар аз муттаҳидӣ ва бисёрҷонибагии кӯшишҳо дар чаҳор самти зерин вобаста хоҳад буд:

1) *Баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ,* ки ҳадафи он-иштироки бештари аҳолӣ/ ҷомеаи шаҳрвандӣ дар татбиқи ҲРУ-4 дар сатҳи маҳаллӣ мебошад. Интизор меравад, ки дар доираи раванди воқифгардонӣ таваҷҷӯҳ на танҳо ба дастрасии васеъ ба иттилоот дар бораи ҳадафҳо, вазифаҳо ва вазъи нишондиҳандаҳои татбиқи ҲРУ-4, балки инчунин ба эҷоди ҳисси иштирок

дар расидан ба ҲРУ-4 дар сатҳи маҳаллӣ дода мешавад. Ин кор дастгирии таъсис ва рушди механизмҳои робитаи дутарафа миёни сохторҳои расмии идоракунии системаи маориф, рушди шаҳру ноҳияҳои кишвар ва аҳолиро дар назар дорад.

2) *Фаъол намудани корҳои иттилоотӣ- фаҳмондадиҳӣ,* ки дар онҳо диққати асосӣ ба баланд бардоштани иқтидори тамоми воҳидҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, васоити ахбори омма ва дар маҷмӯъ ҷомеаи шаҳрвандӣ оид ба дарк ва таблиғ кардани ҳадафҳо ва вазифаҳои ҲРУ-4; таъсис/ таҳкими платформаҳои иттилоотӣ дар сатҳи шаҳрҳо ва ноҳияҳои кишвар барои нишон додани раванди татбиқи ҲРУ-4, равона карда мешавад.

3) *Баланд бардоштани зарфият барои татбиқи ҲРУ-4 дар сатҳи маҳаллӣ,* ки интихоб ва муайян кардани афзалиятҳо дар муқаррар намудан ва иҷрои он ҳадафу вазифаҳоеро дар бар мегирад, ки ба эҳтиёҷот ва хусусиятҳои шаҳр ё ноҳияи мушаххас хеле ҷавобгӯянд.

4) *Мониторинги татбиқи ҲРУ-4 дар сатҳи маҳаллӣ* ташаккул ва арзёбии тағйироти бузургиҳои нишондиҳандаҳои маҳаллигардонидашудаи ҲРУ-4-ро дар бар мегирад, ки ба барномаҳои рушди маҳаллӣ ворид карда шуда, мавриди таваҷҷӯҳи васеи ҷомеа мебошад.

# Хулоса

Ноил шудан ба ҲРУ-4 ба сафарбаркунии захираҳои дохилӣ ва берунӣ такя мекунад. Ба туфайли таваҷҷӯҳи ниҳоии худ ба тақвияти иқтидорҳои миллӣ оид ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва рушди зарфияти инсон, кӯмаки расмӣ ба рушд на танҳо ба иҷрои он қатори вазифаҳое, ки барои ҳалли онҳо манбаъҳои дигари маблағгузориро истифода кардан мушкил аст, мусоидат мекунад, балки он дастрасиро ба пойгоҳи донишҳои махсус ва машварат оид ба саволҳои сиёсат, ки барои ҳалли вазифаҳои мураккаби рушд дар доираи пешравӣ ба самти ҳадафҳои рушди устувор заруранд, таъмин менамояд.

Шаҳрҳо ва ноҳияҳои кишвар дар татбиқи ҲРУ-4 нақши муҳим доранд ва онҳо бояд тамоми нерӯи ҲРУ-ро ҳамчун воситаи сиёсати беҳтар кардани зиндагии мардум истифода баранд. Дар айни замон, барои истифода ва иҷроиши ҲРУ-4 ҳамчун воситаи такмили сиёсат ва ҳаёт амалҳои ҷамъиятӣ ҳам аҳамиятноканд. Аз ҷумла барои:

- муайян кардан ва ташаккул додани дурнамои рушди маҳаллӣ ва минтақавӣ дар раванди таҳия ва мониторинги барномаҳои миёнамӯҳлати рушди шаҳрҳо ва ноҳияҳои кишвар;
- ҳамоҳанг сохтани афзалиятҳо, таҳрикҳо ва ҳадафҳо тавассути мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ. Таҳлилҳои мониторингӣ, муттасилии амалҳо дар сатҳи кишвар, вилоят, шаҳрҳо ва ноҳияҳо, шомил кардани ҲРУ-4 ба равандҳои таҳия ва мониторинги иҷрои буҷа бо мақсади таъмини захираҳои кофӣ барои татбиқи барномаи то соли 2030;
- баланд бардоштани масъулият ва шаффофият, ҷалби ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор, аз ҷумла ҷомеаи шаҳрвандӣ, дар раванди татбиқ ва мониторинги пешрафт дар ҲРУ-4.

# Тавсияҳо

1. Самти стратегии ҳалли мушкилоти иттилоотӣ бо афзалиятҳои зерин алоқаманд аст:

- Табақабандии маълумот аз рӯи меъёрҳои осебпазирӣ. Дар оянда муҳим аст, ки воситаву асбобҳои оморӣ санҷида шаванд ва меъёрҳои асосии табақабандӣ ҳангоми доир кардани ҳама гуна корҳои ҷамъоварӣ, коркард ва нашри маълумот институтсионалӣ карда шаванд. Барои ҲРУ меъёрҳои асосии зерини тақсимот тавсия дода мешаванд: ҷинс; синну сол; ҷои истиқомат; вазъи маъюбӣ; вазъи иҷтимоию иқтисодӣ (масалан, мутобиқи даромад, ё истеъмол);
- Такмили ҳамоҳангсозии маълумотҳои байнисоҳавӣ. Системаҳои ҷамъоварии маълумот аз ҷониби Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазоратҳои соҳавӣ бояд бо ҳам мувофиқат кунанд. Масалан, маълумоти Вазорати маориф ва илм бояд бо маълумоти АОПҶТ мувофиқат кунад.
- Дастгирии тавлиди мустақили маълумот, ки метавонад мусоидат ба тадқиқотро барои пур кардани маълумоти расмӣ, аз ҷумла тавассути муассисаҳои миллии илмӣ-тадқиқотӣ, ки қобилияти иҷрои чунин короҳоро доранд, дар бар гирад.

2. Тамаркузи талошҳо барои ҳалли мушкилоти "осебпазирии системавӣ" дар посух ба COVID-19 дар соҳаи маориф:

- Дастгирӣ дар эҷоди инфрасохтори ТИК, аз ҷумла хариди таҷҳизот ва дастгоҳҳои зарурӣ барои таълими фосилавӣ, таълими донишҷӯён ва омӯзгорон оид ба истифодаи малака ва воситаҳои омӯзиш ва таълими фосилавӣ;
- Таъмини робитаи тарафайн ва дастгирӣ, Омӯзгорон бояд ба донишҷӯёнашон ҳангоми дарсҳои видеоии фосилавӣ чунин имкониятро фароҳам оранд. инчунин

дар таҳия ва татбиқи тренингҳо барои омӯзгорон дар соҳаи воситаҳои самарабахш, воситаҳои дастгирӣ ва алоқаи интерактивӣ кӯмак расонанд;

- Ташаккули системаҳои мураббигии онлайн- барои муаллимон ва мураббиён бо мақсади дастгирии фаъолият, методология ва педагогика дар соҳаи таҳсилоти фосилавӣ;

***3.*** Маблағгузории ҲРУ-4. Ҳангоми таҳияи буҷа хароҷотҳои марбут ба ҲРУ-ро, ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи маҳаллӣ, ба он ворид кардан зарур аст. тавассути “айнаки эҳтиёҷоти ҲРУ”, эҷоди чаҳорчӯби маблағгузории бо ҲРУ мувофиқашудаи миллӣ ва маҳаллиро таҳия кардан даркор аст, то он хароҷоти давлатии марбут ба ҲРУ самаранок карда шаванд/ бошанд.

Маводи мазкур дар доираи лоиҳаи «Пешбурди тағйироти иҷтимоӣ ва омӯзиши касбии фарогир» бо мусоидати молии Иттиҳоди Аврупо ва Вазорати Федеролии Олмон оид ба ҳамкории иқтисодӣ ва рушд, ки аз тарафи Намояндагии DVV International дар Тоҷикистон дар шарикӣ бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ «Ассотсиатсияи таҳсилоти калонсолони Тоҷикистон» ва Созмони занони маъюб «Иштирок» амалӣ мешавад, омода ва нашр шудааст.

Мундариҷаи маводи мазкур мояи масъулияти таҳиягар буда, ифодагари нуқтаи назари маблағгузорон намебошад.

Иттиҳоди Аврупо аз 27 мамолики узв иборат аст, ки онон қарор доданд тадриҷан дониш, захира, ва такдири хешро пайванданд. Ҳамроҳ таи 60 соли васеъшавӣ онҳо минтақаи устувор, демократӣ ва рушти бардавомро бунёд намуда, ҳамзамон гуногунияти фарҳангӣ, арзи таҳаммул ва кафолати озодии шахсиро нигоҳ доштанд. Иттиҳоди Аврупо омода аст муваффақиятҳо ва арзишҳояшро бо мамолик ва қавмиятҳои берун аз сарҳадоти хеш бо ҳам бубинад. Аз ин лиҳоз, Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон аз соли 1992 инҷониб фаъолият бурда, ҳамасола барои рушти мамлакат тақрибан 35 млн. евро фароҳам менамояд.